Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-
и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

**Муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи номзадии Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Рисолаи илмии Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи: «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷинотӣ: масоили иҷро ва адои он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуи тақризшаванда ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ – корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷинотӣ: масоили иҷро ва адои он бахшида шудааст. Муаллиф дар рисолаи илмии худ паҳлуҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ҷазои мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, нуктаҳои илмии назариявӣ ва тавсияҳои амалиро ба ҳимоя пешниҳод намудааст. Аз таҳлили рисола бармеояд, ки дар он сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ба таври мукаммал истифода гардида, рушди ҷазои мазкур дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар масъалаи табиати ҳуқуқии ҷазои корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои

ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он, муаллиф баъд аз таҳқиқотҳои илмӣ мавқеи худро муайян намудааст, ки қобили дастгирист.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Нодирзода Н.М. яке аз аввалин таҳқиқоти маҷмӯи бо забони давлатӣ оид ба масъалаҳои таърихӣ, назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ масоили иҷро ва адои он дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ мебошад. Аз мазмуни матни диссертатсия ва автореферат бармеояд, ки он дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ яке аз нахустин пажӯҳишҳои илмие башумор меравад, ки аз рӯйи сохтор, услуби иншо ва натиҷаҳои илмии матраҳгардида, дорои аҳаммият ва арзиши хоси илмист.

Ҳамин тавр, диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ вобаста ба масъалаи масоили иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ, навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии таъин, иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳиро ифода менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**. Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, муаммоҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст. Мундариҷаи кори илмӣ шаҳодати он аст, ки муаллиф тавонистааст бештари масъалаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқшавандаро таҳлил карда, мубрам будани онро нишон додааст, ки ин ҳадафи асосиашро ташкил медиҳад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардида, бешубҳа арзиши илмӣ дошта, донишу малака ва ғояҳои мавҷударо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ масоили назариявӣ ва амалӣ ба таври назаррас зиёд мегардонад.

Ҳамзамон, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар оянда ба заминаҳои ҳуқуқии корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазо масоили иҷро ва адои он дар ҷумҳурӣ тақвият бахшида, барои инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, инчунин ба дигар масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқшаванда мусоидат менамояд. Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссератсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳоду тавсияҳои аз ҷониби диссертант таҳиягардида ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳангоми такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ масоили иҷро ва адои он, инчунин ҳангоми омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт, дар рафти таҳқиқоти илмӣ, зимни бозомузиву такмили ихтисос дар Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ самаранок истифода шаванд. Инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, адои ҷазои ҷиноятӣ ва амалияи судӣ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мавҷуд бударо бартараф менамоянд.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Нодирзода Нозимҷон Мансур дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳоиояндаи ӯ пешнидод менамоем.

1. Муаллиф дар матни таҳқиқот (саҳ 6, 11, 46) ҷазои корҳои ислоҳиро ҳамчун алтернативаи маҳрум сохтан аз озодӣ баҳо додааст, ки бо чунин андеша пурра розӣ будан мушкил аст. Зеро ҷазои корҳои ислоҳӣ ҷазои мустақил буда, он инчунин дар санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ, ки ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро муқаррар накардаанд, дар алтернатива бо дигар намудҳои ҷазо муайян шудааст (масалан, м.м. 112, қ. 1, м. 126, қ. 1 м. 127, қ. 1 м. 144 ва ғайра).

2. Муаллиф гарчанде дар дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ ба асарҳои М.М. Муллоев, А.А. Абдурашидов (саҳ. 7) ишора намуда бошад ҳам, вале дар матни таҳқиқот асарҳои олимони мазкур мавриди истифода қарор нагирифтааст.

3. Муаллиф дар саҳ. 32 диссертатсия баён менамояд, ки 1 августи соли 1933 Кодекси ислоҳи меҳнатии ҶШФСР ва аз 19 июни соли 1934 Кодекси ислоҳи меҳнатии ҶШС Узбекистон қабул гардидааст. Кодекси ислоҳи меҳнатии ҶШС Тоҷикистон бошад, танҳо 26 июни соли 1970 қабул гардида, он аз 1 январи соли 1971 ба амал ҷорӣ карда шудааст (саҳ.40). Вале аз матни таҳқиқот маълум нест, ки то ин давра, яъне то қабули Кодекси ислоҳи меҳнатии ҶШС Тоҷикистон масъалаҳои иҷро ва адои корҳои ислоҳӣ тавассути кадоме аз ин санадҳо ба танзим дароварда мешуд. Аз ин рӯй мехостем ҳангоми ҳимоя ин масъала аз ҷониби муаллиф равшан карда шавад.

4.Дар матни диссертатсия хатогиҳои зиёди имлоӣ ва техникӣ дида мешавад (саҳ. 7, 9, 10, 11, 26, 27, 28, 29, 33, 34, 36 ва ғ.).

Ҳамин тариқ, дар охир ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки рисолаи мазкур дараҷаи баланди илмиро соҳиб буда, норасоиҳои мавҷуда эътибори илмии корро кам накарда, ба андешаи мо, дар сурати ислоҳ гардидани онҳо рисолаи илмӣ мукамалтар мегардад.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Оид ба мухтавои диссертатсия муаллиф 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла

4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 4 мақолаи илмӣ дар нашриёҳои ватанӣ ба нашр расонида шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноӣ: масоили иҷро ва адои он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мусоидат менамоянд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноӣ: масоили иҷро ва адои он», аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад ва сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати ҷумҳурииТоҷикистоназ 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи
факултети №2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдурашидзода А.А.

Имзои АбдурашидзодаА.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Камолӣ З.Б.

Суроға: Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734012, ш. Душанбе кӯчаи М. Мастонгулов, 3 Тел.: (+992 237) 226-60-42, http://www.avkd.tj
«14» 01 2025 с.